**ТАҚРИЗИ**
**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 201с.**

Таҳқиқи номшиносии осори таърихӣ ва адабӣ яке аз фаслҳои ономастика буда, дар равшан намудани масъалаҳои гуногуни ономастикаи таърихӣ нақши муҳим дорад. Солҳои охир дар номшиносӣ истилоҳи “ономастикаи адабӣ” ҷорӣ гардид, ки масъалаҳои корбурд ва вазифаҳои номҳои хоси адабиёти бадеиро дар бар мегирад. Баробари номшиносии минтақавӣ номшиносии осори хаттӣ низ равнақ ёфт. Дар номшиносии тоҷик низ осори илмие таълиф ёфтааст, ки ба таҳқиқи номҳои хос дар осори таърихӣ ва бадеӣ бахшида шудаанд.

Диссертатсияи аз тарафи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) омода гардида ба самти забоншиносӣ, хосатан ба бахши ономастикаи он ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01– Забони тоҷикӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ.** Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба омӯзиши ономастикаи яке аз ёдгории арзишманди таърихӣ – «Таърихи Систон» бахшида шудааст. Дар номшиносии тоҷик дар баробари ҳаллу фасл ва баррасии масоили назарию амалии ономастика, паҳлуҳои зиёди ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Исмҳои хос дар баробари дигар воҳидҳои забон муҳимтарин унсури луғавии матни бадеӣ мебошанд. Масъалаи марказии омӯзиши исмҳои хос нақши онимҳо дар матнҳои адабӣ ва публисистӣ маҳсуб меёбад. Номҳои хос дар адабиёти бадеӣ ва публисистӣ вазифаҳои услубӣ-эмотсионалиро адо менамоянд. Омӯзиши хусусиятҳои амалкардаи номҳои хосро дар адабиёти бадеӣ номшиносии бадеӣ дар бар мегирад. Пажӯҳишҳо дар ин бахш собит намудаанд, ки исмҳои хос дар офаридани образҳои бадеӣ нақши муайян доранд. Номҳои хос дар тақвияти бадеии воқеоти асар, дар ташаккули матн ва ифодаи ғаразҳои услубии муаллиф нақши назаррас доранд.

Ба омӯзишу баррасӣ ва пажуҳиши номҳо, ҳамон гунае ки ишора шуд, ономастика машғул буда, он яке аз бахшҳои забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Биноан, унвонҷӯ тасмим гирифтааст, ки дар доираи ин кори диссертатсионӣ оид ба таҳлили забонии номҳои хоси «Таърихи Систон» ва вижагиҳои забони онҳо ибрози ақида намояд. Маҳз ҳамин ҷанбаи масъаларо ба назари эътибор

гирифта, мавзуи диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро **мубрам** арзёбӣ менамоем.

**Мубрамии мавзуи пажуҳишии** мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи забон бори нахуст номҳои хоси «Таърихи Систон» мавриди таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Зарурати таҳқиқи ономастикаи «Таърихи Систон» ва вижагиҳои забони онҳо низ дар ҳамин аст, ки дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) омода гардад, ки айни муддао саривақтӣ маҳсуб меёбад. Аслан, дар омӯзиши масъалаи мавриди таваҷҷуҳ нақш ва хидмати номшиносони хориҷиву ватанӣ, монанди В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов ва муҳаққиқони ватанӣ А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Р. Ҳомидов, С. Абодуллоева, Б. Тураев, Р. Шоев, М. Шодиев, Д. Майнусов ва чанде дигарон, ки бо таҳқиқоти хеш дар рушду такомули номшиносӣ нақши беназир гузоштаанд, ниҳоят муассир аст.

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) андешаҳои болоро собит менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал маводи ономастикаи «Таърихи Систон» мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихию забоншиносӣ қарор гирифта, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи қабати ономастикаи он дар асоси навгониҳои гуногун рӯйи кор омадааст. Маводи гирдовардашударо таҳлили сохторӣ ва маъноӣ намуда, вижагиҳои онҳо дар асоси таҳлили лингвистӣ муайян карда мешаванд. Дар навбати худ маводи ономастикии асар ба чандин зергурӯҳҳо: топонимҳо ва бахшҳои он(астионимҳо, полионимҳо ва комониму зоонимҳо), антропонимҳо ва қисматҳои он(лақабу номи мустаору зербахшҳои он) тасниф гардида, ҳар яки он зергурӯҳҳо дорои маводи зарурӣ буда, мавриди таҳлили забонӣ қарор мегиранд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда риққатовар буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони ономастикиро дар асоси маводи «Таърихи Систон» мавриди баррасӣ қарор бидиҳад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 15 банд фароҳам омадаанд. Инчунин, дар бахши тавсияҳо, ки аз 5 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик маводи пурраи ономастикаи тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Систон» мавриди пажуҳиши пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор гирифтааст. Маҳз омӯзиши номҳои «Таърихи Систон» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар давраҳои мухталиф, махсусан, ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърихи забон, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, ихтисосҳои филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. **Маводи батабърасида** муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

Диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Муқаддимаи диссертатсия фарогири маълумоти муқаддимотӣ бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду

вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Баррасии марҳалаҳои рушди ономастика дар забоншиносӣ» унвон дошта, фарогири 4 фасл аст ва дар фаслҳои марбута ҷиҳатҳои назариявӣ ва дараҷаи омӯзиши онҳо дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ономастика дар кишварҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли аввали боби аввал «Аз таърихи омӯзиши ономастикаи забони тоҷикӣ» унвон дошта, дар он зикр мегардад, ки номшиносӣ ҳарчанд илми нисбатан ҷавон, яъне нав бошад ҳам, ҳоло ба комёбиҳои хубу назаррас ноил гардида, масоили назариву амалӣ ва илмии онро донишмандону дӯстдорони соҳа ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Фасли дувуми боби якум бо унвони «Таҳқиқи ономастика дар забоншиносии Русияву Аврупо» ёд мешавад ва дар ин фасл доир ба корҳои илмии роҷеъ ба соҳаи ономастика дар давраҳои мухталиф ба анҷом расонидаи донишмандони Русияву Аврупо маълумот дода мешавад.

Фасли сеюми боби якум бо унвони «Баррасии  ономастикаи тоҷик дар замони Иттиҳоди Шуравӣ» ёд мешавад ва дар ин фасл доир ба корҳои илмии дар мавзуи ономастика таълифнамудаи муҳаққиқону донишмандон маълумот оварда мешавад.

Фасли чоруми боби якум бо унвони «Таҳлили осори ономастикии замони Истиқлол» ёд мешавад ва дар ин фасл доир ба корҳои илмии дар мавзуи ономастика таълифнамудаи муҳаққиқону донишмандони Тоҷикистон дар замони Истиқлол баррасӣ мегардад.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили ономастикаи асар аз нигоҳи мавзуот» унвон дошта, фарогири 3 фасл аст  ва дар фаслҳои марбута ба гурӯҳҳои антропонимҳо ва топонимҳо дастабандӣ гардидани маводи ономастикии асар сурат гирифта, дараҷаи корбурди онҳо нишон дода мешавад.

Фасли **якуми** боби дувум **«Антропонимҳои асар ва баррасии мавзуии онҳо»** унвон дошта, дар он қабатҳои луғавии антропонимҳои асари мавриди таҳқиқро онимҳои марбут ба қишрҳои гуногуни ҷомеа ташкил медиҳанд.

Зерфасли сеюми фасли якуми боби дуюм «Антропонимҳои ифодагари номи Худоён, паёмбарон, фариштагон ва дигар чеҳраҳои малакутӣ» унвон

дошта, ба ин зерфасл онимҳо ё антропонимҳои марбути номи худоён, фариштагон ва дигар чеҳраҳои малакутӣ оварда шудаанд.

Зерфасли чоруми фасли якуми боби дуюм «Номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашроф» унвон дошта, ба ин зерфасл, асосан, исмҳои хоси марбут ба номи шоҳону шоҳзодагон ва аъёну ашроф шомил гардида, барои ифодаи ному лақаби онҳо хидмат намудааст.

Зерфасли панҷуми фасли якуми боби дуюм «Номи ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони давр» унвон дошта, ба ин дастаи антропонимҳои асар як гурӯҳ номи ҳокимон, волиён ва амалдорони давр оварда мешавад.

Фасли дувуми боби дувум «Баррасии қабатҳои луғавии топонимҳои асар» ном дорад ва дар он доир ба қабатҳои луғавии топонимии асар маълумот оварда шудааст.

Зерфасли якуми фасли дуюми боби дуюм «Ойконимҳо» унвон дорад. Дар «Таърихи Систон» астиониму полионимҳои зиёде номбар мешаванд, ки ҷиҳати ифодаҳои макон, ҳодиса, таърих, расму оин, ҷашнҳои бостонӣ, ибодатгоҳ, илмгоҳ, шоҳнишин, муносибати тиҷоратӣ, дипломатӣ, ҷоришавии дарёҳо ва амсоли инҳо омадаанд.

Зерфасли дувуми фасли дуюми боби дуюм *«Комонимҳо»* унвон дорад. Дар асари «Таърихи Систон» номи деҳаҳое мавриди корбурд қарор гирифта-анд, ки дар ҳудуди онҳо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ рӯй додаанд, ё чун макони ягон воқеаву ҳодиса қарор гирифтаанд.

Зерфасли савуми фасли дуюми боби дуюм «Гидронимҳо» унвон дошта, гидронимҳои «Таърихи Систон»-ро ба зергурӯҳҳо тасниф намудааст.

Зерфасли чоруми фасли дуюми боби дуюм «Оронимҳо» унвон дорад. Зерфасли панҷуми фасли дуюми боби дуюм зоонимҳо унвон дошта, дар асар чунин исмҳои хоси мансуби ному лақаби ҳайвонот, ки бо зоонимҳо ёд мешаванд.

Зерфасли шашуми фасли дуюми боби дуюм «Номи сулолаҳо» унвон дорад. Дар асари «Таърихи Систон» чандин вожаҳо омадаанд, ки бар ифодаи сулолаи шоҳони пешин ва асрҳои миёна далолат мекунанд.

Зерфасли ҳафтуми фасли дуюми боби дуюм «Этнонимҳо» унвон дошта, дар он номи халқ, қавму қабила, авлод ва номи бошандагони ягон маҳал (этнохоронимҳо) баррасӣ гардидаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «Қабатҳои гуногуни маводи ономастикии асар» ном дошта, дар асар маводи зиёди ономастикӣ, аз қабили астронимҳо (номи ҷурмҳои осмонӣ), асмои махсуси ифодакунандаи унвони китобу асарҳои бадеӣ, яъне хрематонимҳо; асмои махсуси ифодакунандаи унвони олами вуҳуш, яъне бо истилоҳи зоонимҳо; асмои хосаи ифодакунандаи унвони шаҳру шаҳракҳое мебошанд, ки бо ёрии топоформантҳои гирд/гард,

номи қавму қабилаҳо, мардум, авлод ва дигар гурӯҳи этникӣ, номи моҳу тақвимҳо, номи қутбҳо ва амсоли инҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои асар» унвон дошта, фарогири 2 фасл аст ва дар фаслҳои марбута доир ба сохтор ва мансубияти забонии маводи ономастикии асар сухан меравад.

Фасли якуми боби сеюм «Таҳлили сохтории ономастикаи асар» унвон дошта, дар ин фасл маводи ономастикии асар аз нигоҳи сохтор мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Зерфасли якуми фасли якуми боби сеюм «Номвожа- ҳои содаи асар» ном дошта, ба он чунин калимаҳо шомил аст.

Зерфасли дуюми фасли якуми боби сеюм «Номвожаҳои сохта» ном дорад.

Зерфасли *сеюми* фасли якуми боби сеюм «Номвожаҳои мураккаб» ном дошта, дар он номвожаҳои мураккаби асар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зерфасли чоруми фасли якуми боби сеюм «Номвожаҳои таркибӣ» ном дошта, дар он номвожаҳои таркибии асар мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз рӯйи иштироки ин ҷузъҳо ба чунин гурӯҳҳо тасниф карда шуданд.

Фасли дуюми боби сеюм «Ономастикаи асар аз нигоҳи мансубияти забонӣ» ном дошта, дар ин фасл маводи ономастикии асар аз нигоҳи мансубияти забонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зерфасли якуми фасли дуюми боби сеюм «Номвожаҳои тоҷикӣ» ном дорад.

Зерфасли дуюми фасли дуюми боби сеюм «Номвожаҳои арабӣ» ном дошта, намуна ва мисолҳо зиёданд.

Зерфасли сеюми фасли дуюми боби сеюм «Номвожаҳои юнонӣ» ном дошта, намунаҳо зикр гардидаанд.

Зерфасли чоруми фасли дуюми боби сеюм «Номвожаҳои туркӣ» ном дошта, ба қатори антропонимҳо бештар номи сарлашкарҳои туркӣ дар асар омадаанд.

Зерфасли панҷуми фасли дуюми боби сеюм «Номвожаҳои омехта (гибрид)» ном дошта, онҳоро ба зергурӯҳҳо дастабандӣ намудаст.

Дар умум, дар асари «Таърихи Систон» маводи ономастикии сода, сохта, мураккаб ва таркибии марбут ба ҷойномҳо, номи одамону лақаби онҳо ва номи ҳодисаву воқеаҳои табиӣ корбастёфта барои ифодаи мазмуну мундариҷаи асари мазкур мавриди корбурд қарор гирифта, ба гурӯҳи забонҳои бостонии эронӣ, чун: порсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, тоҷикӣ ва яғнобӣ мутааллиқанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқи ӯро нишон медиҳанд. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ дар 15 банд оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 247 адад мерасад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ кори диссертатсионии мавриди таваҷҷуҳ аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест ва ислоҳи онҳоро зарурӣ меҳисобем:

1. Хуб мешуд, агар антропонимҳо ва топонимҳо бо ҳама навъҳояшон дар бобҳои ҷудогона таҳқиқ мешуданд. Зеро инҳо ду воҳиди ҷудогонаи ономастикӣ буда, аз назари вазифаҳои услубию *маъноӣ, сохтори сарфӣ ва* наҳвӣ дар асари бадеӣ тафовути муайян доранд, инчунин, аз назари мансубияти забонӣ низ вижагиҳои худро доранд. Дар ин маврид аз такрори баъзе аз масъалаҳо пешгирӣ карда мешуд (ниг: с.37,101) .

2. Агар фасли алоҳидае оид ба антрпонимҳо дар ташаккули ҷойномаҳо оварда мешуд, зеро ин имконият медиҳад, то доир ба ташаккули навъҳои гуногуни топономияи таърихии манотиқи мавриди тасвири маълумоти бештаре пайдо намоем.

3. Қисми зиёди антропонимҳо бо ҷузъҳои хоҷа, мулло, бой, шакл гирифтаанд. Сабаби бо ин ҷузъҳо шакл гирифтани номҳои ашхос бояд шарҳу тавзеҳ дода мешуд (ниг: боби 2).

4. Дар диссертатсия истилоҳоти гуногуни байналмилалӣ ва тоҷикии соҳаи номшиносӣ истифода шудааст, ки баъзан шарҳ наёфтаанд. Аз ин рӯ, истифодаи истилоҳот бояд ҳамгун мебуд. Масалан, дар баъзе саҳифаҳо оним дар саҳифаи дигар номвожа ба кор бурда шудааст, ки мурордифанд. Дар ин маврид дар ҳама маврид бояд ба корбурди гунаи тоҷикӣ (номвожа) бартарият дода мешуд, ба манфиати кор хоҳад буд.

5. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 36, 54, 68, 89, 118).

Эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, бархе аз он ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва

масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) кори анҷомёфта маҳсуб меёбад ва муҳаққиқ масъалаҳои дар пеш гузоштаи худро хуб ба сомон расонидааст. Забони диссертатсия фаҳмо ва равону барои ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ, хосатан бахшҳои ономастикӣ: антропонимӣ, топонимӣ, гидронимӣ, оронимӣ ва қисматҳои дигари он созгор буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, мудири кафедраи забони**
**тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии**
**забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода** **Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевич**

**Нишонӣ:** 7350 20, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, кӯчаи С.Раҷабов,бинои 1 /18
**Тамос:** Тел.: (+992) 1111 67 447
**E-mail:** srasulzoda73@gmail.com

*«Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевичро тасдиқ мекунам»*

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода** **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,бинои 17 /6.
**Тамос:** Тел.: (+992) 939-25-57-03
**Сомона:** https://www ddzt.tj

«2» майи соли 2025.